# ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-021-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Сатторова Дилрабо Қаҳҳоровна дар мавзуи “Забон ва услуби ҳикояҳои Абдусалом Деҳотӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ**

Диссертатсияи Сатторова Дилрабо Қаҳҳоровна ба яке аз мавзуъҳои муҳимми шохаи луғатшиносии забони тоҷикӣ – муқаррар намудани хусусиятҳои луғавию услубии забони ҳикояҳои Абдусалом Деҳотӣ бахшида шудааст. Муҳаққиқ дар муқаддимаи диссертатсия қайд менамояд, ки дар забоншиносии тоҷик доир ба мавзуи мазкур ба истиснои якчанд қайдҳои алоҳидаи илмӣ, таҳқиқоти мукаммале дар шакли таҳқиқи монографӣ сурат нагирифтааст. Таҳқиқи забон ва услуби ҳикояҳои Абдусалом Деҳотӣ бо назардошти баррасии пурраи қабатҳои луғавӣ-маъноии вожаҳо – сермаъноӣ, омонимҳо, муродифот, мутазод, мавқеъ ва корбурди вожаҳои аслан тоҷикӣ ва вомвожаҳо, ҳамчунин корбурди калимаҳои халқӣ-гуфтугӯйӣ, воҳидҳои фразеологӣ, зарбулмасалу мақолҳо сурат гирифтааст.

Таҳқиқи анҷомдодаи унвонҷӯ аз ҷиҳати илмӣ арзишманд буда, масъалаи забон ва услуби ҳикояҳои Абдусалом Деҳотӣ бори аввал ба таври густурда мавриди баррасӣ қарор мегирад, ки ба ҳамин васила паҳлуҳои дигари забони ҳикояҳои адиб муайян карда мешаванд. Осори адиб аз лиҳози забон ва услуби нигориш ва обуранги бадеӣ дар пояи баланди эҷодӣ қарор гирифта, маводи мавриди таҳқиқи диссертант ба рушди минбаъдаи луғатшиносӣ мусоидат мекунад.

Навгонии таҳқиқ дар он зоҳир мегардад, ки бори аввал таҳқиқи назариявӣ ва амалии забон ва услуби ҳикояҳои Абдусалом Деҳотӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, дар роҳи таҳқиқи минбаъдаи масъалаҳои марбут ба луғатшиносӣ, маъношиносӣ, услубшиносии тоҷик, гурӯҳбандии маъноии калимаҳо, мавқеи онҳо дар адабиёти бадеӣ, мавридҳои истифодаи онҳо, хусусиятҳои услубӣ касб кардани ин навъи воҳидҳои луғавӣ ҳам дар сухани

тасвирии муаллиф, ҳам дар нутқи персонажҳо ба муҳаққиқон кӯмак хоҳад кард.

Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқ аз он иборат аст, ки натиҷаҳои бадастомада ва тавсияҳои пешниҳоднамудаи диссертант ба ҳалли бисёре аз масъалаҳои назарии лексикология ва таҳқиқи минбаъдаи хусусиятҳои луғавӣ мусоидат карда метавонанд. Аҳаммияти амалии таҳқиқро он нукта муайян мекунад, ки натиҷаҳои аз таҳқиқ ҳосилгардида метавонанд дар шинохти бештари маҳорати нависандагии Абдусалом Деҳотӣ ба сифати сарчашмаи илмӣ истифода шавад ва ҳамчунин ба сифати заминаи назариявӣ барои пажуҳишҳои минбаъда хидмат намояд.

Қайд кардан зарур аст, ки мақсад ва вазифаҳои барои таҳқиқу таҳлили мавзуъ пешгузоштаи диссертант дар такя ба сарчашмаҳои назариявӣ доир ба масъалаҳои забон ва услуби асарҳои бадеӣ, назарияи забон, лексика, фразеология, грамматика ва услубшиносӣ дар бобҳои кор ҳалли худро ёфтаанд.

Диссертатсия дар заминаи меъёрҳои муосири таҳқиқ таълиф карда шуда, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқро сатҳи баррасии масъалаҳо, натиҷаҳои таҳқиқ, ки дар шакли мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла дар маҷаллаҳои тақризшаванда собит менамоянд.

Дар хулосаи диссертатсия дастовардҳои илмии таҳқиқ ва моҳияти масъалаҳои меҳварӣ зикр ёфта, дурнамо ва тавсияҳои амалии мавзуи кори диссертатсионӣ таъйин шудаанд. Аҳаммияти таҳқиқ, навгониҳои илмии диссертатсия ва арзиши амалии онро ба инобат гирифта, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсия ба талаботи банди 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Маълум мегардад, ки диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи илмӣ мебошад. Дар он саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ ба таври равшан аён аст ва мақсаду вазифаҳои дар пеш гузошташудаи муҳаққиқ ба пуррагӣ ҳаллу фасл гардидаанд. Нуктаҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда ва натиҷаҳои ҳосилгардида аз он шаҳодат медиҳанд, ки муҳаққиқ аз ҷараёни

таҳқиқи мавзуъ огоҳии комил дошта, онро дар доираи талаботи корҳои илмӣ ба сомон расонидааст.

Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқи диссертатсионӣ бо шиносномаи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ мувофиқ мебошад.

Натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқ ва тавсияҳои муаллиф дар 6 мақолаи дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расида инъикос ёфта, бо мазмун ва мавзуи диссертатсия бевосита алоқаманд мебошанд. Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои нашркардаи унвонҷӯ фарогири мазмуну муҳтавои диссертатсия мебошанд. Мақолаҳои илмии интишорёфтаи муаллиф ва теъдоди маводи чопшуда ба талаботи бандҳои 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат менамоянд.

Дар диссертатсияи Сатторова Дилрабо Қаҳҳоровна истифодаи мавод бидуни ишора ба муаллиф ё маъхаз ба назар намерасад. Ин аз риоя шудани банди 37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

Дар хулосаи диссертатсия дастовардҳои таҳқиқ ва моҳияти масъалаҳои меҳварӣ зикр ёфта, дурнамои мавзуи кори диссертатсионӣ таъйин шудааст. Аҳаммияти таҳқиқ, навгониҳои илмии диссертатсия ва арзиши амалии онро ба назар гирифта, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи доктории Сатторова Дилрабо Қаҳҳоровна дар мавзуи "Забон ва услуби ҳикояҳои Абдусалом Деҳотӣ" кори таҳқиқии анҷомёфта буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва онро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ ба ҳимоя пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи экспертӣ дар асоси банди 60-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Сатторова Дилрабо Қаҳҳоровна дар мавзуи "Забон ва услуби ҳикояҳои Абдусалом Деҳотӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.KOA-021-и назди Донишгоҳи миллии

Тоҷикистон тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқиашон ба ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

- **Низомова Санавбар Фахриевна** – доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири кафедраи забони тоҷикии МДТ "Донишгоҳи тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино";

- **Шаҳбози Рустамшо** – доктори фалсафа (Phd) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ), директори филиали Муассисаи давлатии Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар шаҳри Кӯлоб;

3. Ба сифати муассисаи пешбар **Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав** пешниҳод мешавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои филологӣ, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ Ҷураева М. Р.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои филологӣ, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ Ҳомидов Д.Р.

доктори илмҳои филологӣ, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ Гадоев Н.

«13» марти соли 2024.